**№19679/11.1-д аз 23.12.2019**

Мақомоти ҳудудии андоз

«Оид ба ҳамкорӣ бо иҷрочиёни Хадамоти иҷро»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки ҷиҳати вусъат бахшидани ҳамкориҳо байни Кумитаи андоз ва Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолият дар самти иҷро намудани қарорҳо, дигар ҳуҷҷатҳои иҷроия ва мубодилаи маълумот, санаи 29 ноябри соли 2019 "Созишнома байни Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи истеҳсолоти иҷро" ба имзо расонида шудааст.

Бо назардошти ин, Шуморо вазифадор менамоем, ки ҳамкориро бо Иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар маҳалҳо дуруст ба роҳ монда, дар доираи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истеҳсолоти иҷро" ва созишномаи мазкур ҳангоми аз ҷониби ҳуқуқвайронкунандагон мустақилона ва сари вақт иҷро накардани қарорҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, бо мақсади татбиқи чораҳои маҷбурии иҷрои қарорҳо, маводҳои мазкурро ба иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар маҳалли фаъолият ва ё истиқомати ҳуқуқвайронкунандагон ирсол намоед.

Тибқи муқаррароти моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истеҳсолоти иҷро" ҳангоми пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои иҷро мухлати пешниҳоди иҷро гузашта бошад ва ё ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида ба талаботи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истеҳсолоти иҷро" мутобиқат нанамоянд, иҷрочии Хадамоти иҷро метавонад дар давоми се рӯз ҳуҷҷати мазкурро бе иҷро баргардонад.

Ёдрас менамоем, ки тибқи талаботи банди 6 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истеҳсолоти иҷро" қарори мақомоте (шахсони мансабдоре), ки барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии

маъмурӣ ваколатдор мебошанд, барои иҷрои маҷбурӣ дар давоми **як сол** пешниҳод карда мешаванд.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади дар доираи талаботи моддаҳои 5 ва 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро” пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои иҷро ба Шумо нусхаи Созишнома байни Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон  ва Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намунаи мактуб барои пешниҳоди маводҳо ба иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар замима ирсол карда мешавад.

Бо назардошти зиёд будани ҳаҷми бақияи ҷаримаҳои маъмурӣ сардорони раёсатҳо ва нозиротҳои андоз, бори дигар таъкид ва вазифадор карда мешаванд, ки оиди рӯёнидани ҷаримаҳои маъмурии таъингардида ҷораҷӯӣ намуда, ҳангоми мустақилона ва сари вақт иҷро накардани қарорҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ маводҳои мазкурро дар доираи талаботҳои болозикр барои таъмини иҷрои маҷбурӣ ба иҷрочиёни Хадамоти иҷро ирсол намуда, аз натиҷаи он тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 28.05.2013, №199 ба Кумитаи андоз ҳисобот пешниҳод намоянд.

Мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки дастури мазкурро дар ҷаласаҳои корӣ мавриди баррасӣ ва иҷроиш қарор диҳанд. Иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор риоя нагардидани талаботи мазкур, барои татбиқи чораҳои қатъии интизомӣ нисбати сардорони раёсатҳо, нозиротҳои андоз ва дигар шахсони масъули Нозирот асос шуда метавонад.

Раис Н. Давлатзода

(намуна)

Замима ба мактуби дастурии Кумитаи андоз аз ___ декабри соли 2019, № _______

Иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар
*ноҳияи Синои шаҳри Душанбе*

*Нозироти андоз дар ноҳияи Сино* ба Шумо қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурии силсилаи АБ № *0135646* нисбати *соҳибкори инфиродӣ Саидов Исфандиёр* истиқоматкунандаи *вилояти Хатлон, ноҳияи Восеъ, ҷ/д Элок, деҳаи Заркамар, соли таваллудаш 11.06.1989, тел:905-87-99-22, 93-745-00-39, ки дар сурогаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино кӯчаи Маяковский 91/4, (Бозори Фаровон) ба хариду фурӯши маводҳои хурокворӣ* машғул мебошад, барои иҷрои маҷбурӣ ирсол менамояд.

Бояд қайд намуд, ки нисбати *соҳибкори инфиродӣ Саидов Исфандиёр* бо *қисми 2 моддаи 599* Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протокол дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурии силсилаи АБ № *0135646* аз *«23» феврали* соли 20*19* тартиб дода шуда, бо қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурии силсилаи *АБ* № *0135646* аз санаи *26 феврали соли 2019* ҷазои маъмурӣ дар намуди ҷарима ба андозаи *150 (яксаду панҷоҳ)* нишондиҳанда барои ҳисобҳо, баробар ба маблағи *8250 (ҳаштҳазору дусаду панҷоҳ)* сомонӣ таъин карда шудааст.

Мавриди зикр аст, ки *соҳибкори инфиродӣ Саидов Исфандиёр* то ҳол маблағи мазкурро ихтиёран ба буҷет пардохт накардааст, ки тибқи талаботи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро” асосҳои татбиқи чораҳои маҷбурии иҷро ба миён омадааст. Дар асоси муқаррароти моддаи 4 қонуни мазкур иҷрои маҷбурии санадҳои судӣ ва санадҳои дигар мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои судии дигар давлатҳо ба зиммаи иҷрочиёни мақомоти иҷро гузошта шудааст.

Аз ин лиҳоз, аз Шумо хоҳиш карда мешавад, ки қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар муҳлати муқаррарнамудаи қонун мавриди иҷроиш қарор дода, аз натиҷаи корҳои анҷом додашуда ба *Нозироти андоз* маълумоти хаттӣ пешниҳод намоед

Замима: маводҳо дар ҳаҷми ____ варақ.

*Сардори Нозирот* *М. Исматзода*

Иҷрокунанда ___________________
*тел:2330682*